

Ю32
К46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

## БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ БЕЧОРА ВА ШОҲ

«САД ПАНД»



**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ҶДММ «Ҳочӣ Ҳасан»

ТОЗ-2
М1 К-46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ БЕЧОРА ВА ШОҲ

Китобхонаи дав... бачагонаи
Ҷумҳурии Т... ба номи
М. Ми...

1647 ЧЗ б/ф

ББК 83,8(2тоҷик)+82,3
Ҷ-15

**Ҷ-15. Марди бечора ва шоҳ.** Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2012.-8 саҳ.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» тасмим гирифтааст, ки аз ашъори безаволи классикони форс-тоҷик силсилакитобҳоро бо номи «Сад панд» барои шумо, хонандагони хурдакаки азизу меҳрубон, дар шакли китобчаҳои пурнақшу нигор нашр намояд. Инак, огози ин силсила аз қиссаву ривоятҳои пандомӯзу ибратангези маснавии безаволи «Бӯстон»-и носеҳи бузурги форс-тоҷик Шайх Саъдии Шерозӣ 10 китобча, ки Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар мураттаб намудааст, ибтидо мегирад ва пешкашатон мегардад.

ISBN 978-99947-838-5-4 © «АДАБИЁТИ БАЧАГОНА», 2012

Шаб торик буду биёбони бепоён. Ногоҳ борони сахт борид. Роҳу пайраҳаҳо ҳамааш ба ботлоқ табдил ёфтанд. Марди бечорае бо хари мискини худ дар роҳ буд ва саропо тар шуд, хунук хӯрд. Бар замми ин, хараш дар лойоба то миён фурӯ рафт ва маҷоли по бардоштан надошт. Мард ҳарчанд кӯшиш кард, илоҷе наёфт. Рӯ ба осмон кард:

– Лаънат ба ту, эй абри дилсиёҳ!

Бо ин дилаш таскин наёфт. Ба биёбони беодами аз оби борон ба баҳр табдилёфта бо хашм назар карду фарёд бардошт:

– Лаънат ба ту, эй биёбони бераҳм!

Ғазабаш ором нашуд. Чашму рӯяшро бо панҷаҳои лойолуд ва карахт пӯшонда, нола кард:

–Хонаат сӯзад, эй тундбоди сард-нафас!

Дилаш таскин нагирифт. Худро ба ин сӯ зад, ба он сӯ зад, ногоҳ ба ёдаш шоҳи мамлакат расид. Қоматашро рост карду бо





нола гуфт:

– Тахту бахтат сарнагун бод, эй шоҳи ноодам!

Иттифоқан, дар ҳамин лаҳза аз раҳ шоҳу хизматгоронаш мегузаштанд. Садои дашному ҳақоратро шуниданду наздик омаданд, диданд, ки марде бо хараш дар лойоба дармондааст.

Шоҳ гуфт:

–Ин мард чаро маро дашном медиҳад?

Хизматгораш пешниҳод кард:

– Шамшерро гираму сари ин беадабро аз тан ҷудо кунам?

Шоҳ бори дигар ба марду хараш, ки дар лойоба ғарқ буданд, назар карду раҳмаш омад.

Фармон дод:

–Хару соҳибашро аз лой берун кашед.

Хизматгорон фармони шоҳро ба ҷо оварданд. Марди лойолуд ҳамоно ҳақорат медод:

– Хонаат сӯзад, шоҳи беинсоф!



Аммо шоҳ ба ӯ инсоф кард, сару либоси тоза дод, ба ихтиёраш аспи хуби тезрафторро вогузор кард, як ҳамел симу зар ба тақдим овард.

Марди наҷотёфта ҳайрон – ҳайрон ба шоҳ нигоҳ мекард ва фаҳмида наметавонист, ки сабаби ин қадар меҳрубонӣ чист?

Хидматгор ба мард гуфт:

– Бахтат омад кард. Вагарна барои дашномҳоят шоҳ бояд туро мекушт.

Мард гуфт:

–Агар дашном намедодаму доду фиғон намебардоштам, дар миёни лойоба мемурдам. Шоҳ ҷавонмардӣ кард аз гуноҳам гузашт ва ҳадяҳои гаронбаҳоям дод. Хашмро фурӯ нишондану некӣ кардан кори ҳар кас нест.

**Байт:**

**Бадиро бадӣ саҳл бошад ҷазо,**
**Агар мардӣ, «иҳсин ило ман ассо.»**[1]

[1] Некӣ кун ба касе ки бадӣ кардааст.



АЗ ҲИКОЁТИ
«БУСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

## БОЗГУЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДИ БЕЧОРА ВА ШОҲ

Муҳаррир Наҷмиддин Салоҳиддинзода
Муҳаррири техникӣ Зебо Ҷӯраева
Тарроҳ ва ороишгар Рифкат Галимов
Ҳуруфчин Гулноз Шокирова

Ба чопаш 20.01.2012 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №15/2012 (АБ0015)

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, Душанбе, к. Н. Қаробоев, 17.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

Адабиёти бачагона

9789994783854